Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 146.

**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию-иқтисодии давлат(дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити имрӯза зарурияти воқеии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳот ба миён омадааст. Он бахри ташаккули механизмҳои идора ба рушди устувор равишҳои навро талаб мекунад. Таносуби майдони маҳалҳои деҳот ва шаҳр, мавҷудияти фарқият дар имкониятҳои онҳо, дар шароити иҷтимоӣ ташаккули иқтисоди инноватсионии мамлакат, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар аҳамияти махсуси деҳотро нишон медиҳад.

Дар чунин шароит баланд бардоштани сифат, самаранокии идораи ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати аз тарафи давлат гузарондашавандаи аграрӣ, минтақавӣ ва буҷетӣ зарур мебошад. Талаботи устувор ва маҷмуияти рушди деҳот бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва фишангҳои нави қарорҳои идории мақсадноки омӯзиши моҳияти ҷанбаҳои идораи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳотро зарур мегардонад. Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар он ҷо мавқеъ дошта, рушди сатҳи зиндагии аҳолӣ, мавҷудияти инфрасохтори тараққикарда дар ҳудуди мазкур, ҳамчунин, ҳалли мушкилоти манзили аҳолӣ, паст намудани сатҳи бекории он ва ғайраро пешбинӣ мекунад.

Дар баробари ин, бисёр масъалаҳои рушди устувори ҳудудҳои деҳот то имрӯз ба андозаи зарурӣ таҳия нагардидаанд. Мушкилоти ташаккули механизми рушди устувори ҳудудҳои деҳот бошад, аксар вақт танҳо дар сатҳҳои давлатӣ ва минтақавӣ ҳал карда мешаванд, аммо ба

сатҳи маҳаллӣ (ноҳиявӣ ва ҷамоатҳо) дахолат намекунанд. Тағйироти дар шароити иҷтимоию иқтисодии дар ҳудудҳои деҳот баамаломада ва фаъолияти механизми рушди устувори онҳо мушкилоти дигарро ба миён меоранд, ки асосноккунии ташкилию иқтисодиро металабанд, ки ҳамаи ин зарурати гузарондани таҳқиқоти мазкури илмиро ба миён овард.

Дар автореферат оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори ҳудудҳои деҳот» моҳият, мазмун, хусусиятҳо ва тамоюли рушди ҳудудҳои деҳот, заминаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва принсипҳои рушди ҳудудҳои деҳот, такмили методологии механизмҳои таъминкунанда ва муаммоҳои асосии рушди устувори ҳудудҳои деҳот таҳлил карда шудааст.

Инчунин вобаста ба ҳолати муосири механизми рушди ҳудудҳои деҳот» таъмини рушди устувори вилояти Хатлон ва шароитҳое, ки баҳодиҳии онҳоро муайян мекунанд оварда шуда, самаранокии иҷтимоӣ - иқтисодии рушди ҳудудҳои деҳоти вилояти Хатлон, вазъи омилҳои институтсионалӣ ва захиравии рушди устувори ҳудудҳои деҳоти вилояти Хатлон оварда шудааст.

Новобаста аз дастовардҳои дар автереферат дарҷ гардида, инчуниин баъзе камбудиҳо ва пешниҳодҳо барои боз ҳам хубтару беҳар намудани мазмун ва муҳтавои он низ пешниҳод гардидаанд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

Якум, ин ки мутаасифона дар автореферат ҳисобҳоиояндаи наздабини барои даҳсолаҳо ва лоаққал солҳои ояндаи наздик оварда ншудааст, ки метавонист мазмуни мундариҷаи авторефератро боз ҳам ғани мегардонид.

Дуюм, дар матни таҳқиқи автореферат хатогиҳои имлоӣ, граматики низ мушоҳида карда мешавад.

Аммо дар маҷмӯ, қайд кардан ҷоиз аст, ки камбудиҳои овардва шуда на он қадар ҷиддӣ буда арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Диссертатсияи номзадии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи

сиёсати иҷтимоию-иқтисодии давлат(дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва унвонҷӯй барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда доктори**
**илмҳои иқтисодӣ профессори**
**кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров"** **Исмоилов М.М.**

**Имзои Исмоилов М.М. тасдиқ**
**Менамоям сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба**
**номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Наврӯзов Э.М.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд
кучаи Мавлонбеков 1.
Тел: +992 92-775-67-55
e-mail: mamarahim@list.ru